ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО"

# НИЗОМНОМАИ МАРКАЗИ ТАҲСИЛОТИ БАЪДИДИПЛОМӢ

Душанбе - 2018

«Тасдиқ шудааст»
дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДДТТ
ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз
«____» ________ соли 20 18 № 11
раиси Шӯрои олимон д.и.т.,
профессор Гулзода М.Қ.
__________________
«____» ____________ с.2018

# НИЗОМНОМАИ МАРКАЗИ ТАҲСИЛОТИ БАЪДИДИПЛОМИИ

## МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

**Душанбе**

## I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ (минбаъд Марказ) зерсохтори таълимию методӣ ва маъмурии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад, ки раванди таҳсилоти баъдидипломии олии касбӣ (ординатураи клиникӣ ва интернатура) ва таҳсилоти иловагии касбӣ (такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорони донишгоҳ, муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи тиббӣ, табибон ва кормандони миёнаи тиббии муассисаҳои табобатию профилактикӣ)-ро ташкил, назорат ва ҳамоҳанг менамояд.

1.2. Фаъолияти Марказ дар асоси дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Оид ба маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Консепсияиислоҳоти таҳсилоти тиббӣ ва фарматсевтӣ», Оинномаи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ, Низомномаи мазкур ва дигар асноди меъёриву ҳуқуқие, ки таҳсилоти олии касбиро дар ҷумҳурӣ танзим менамоянд, фаъолият менамояд.

1.3. Марказ дар асоси қарори Шӯрои олимон бо фармони ректори донишгоҳ таъсис дода мешавад.

1.4. Марказ аз тарафи директор роҳбарӣ карда мешавад ва зертобеи муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ мебошад.

1.5. Марказ мувофиқи талаботҳои Раёсати донишгоҳ ва меъёрҳои амалкунандаи Вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм дар шакл ва вақти муайяншуда ҳисобот оид ба корҳои иҷрошуда пешниҳод менамояд.

1.6. Марказ дорои ҳуҷраҳо, таҷҳизот, мӯҳри мудаввар, суроғаи электронӣ мебошад.

1.7. Номи расмии Марказ

- бо забони тоҷикӣ: Маркази таҳсилоти баъдидипломии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;
- бо забони русӣ: Центр последипломного образования Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибни Сино.

1.7. Суроғаи Марказ: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139.

## II. Ҳадаф ва вазифаҳои Марказ

2.1. Ҳадафи асосии Марказ ин ташкил ва таъмини методии фаъолияти таълимии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз рӯи барномаҳои таҳсилоти олии касбии тиббӣ (тайёр кардани кадрҳои баландихтисос тариқи ординатураи клиникӣ),

аз рӯи барномаи ихтисосгирии баъдидипломӣ (тариқи интернатура) ва дар доираи барномаҳои иловагии таҳсилоти олии касбӣ (такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ) мебошад.

**Вазифаҳои асосии Марказ иборат аст:**

2.2. Аз танзим ва ҳамоҳангсозии фаъолияти кафедраҳо ва зерсохторҳои донишгоҳ дар самти таҳсилоти баъдидипломӣ;

2.3. Аз ташкили ҷараёни таълим, интихоби шакл, усулҳо ва технологияи таълим ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои дар сатҳи зарурӣ аз бар намудани барномаҳои таълимии интернатура, ординатураи клиникӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ;

2.4. Аз такмили таҷрибаву маҳорати педагогию табобатӣ, омӯзиш ва густариши таҷрибаи пешқадами ватаниву хориҷӣ, шакл ва усулҳои пешрафти таълиму табобат;

2.5. Аз қонеъ гардонидани талаботи ҳайати устодону профессорон ва мутахассисон бахри дарёфти донишу дастовардҳои нав дар соҳаи илми тиб;

2.6. Аз вусъат бахшидан, ғанӣ гардонидан ва ба талаботи ҷомеъа мутобиқ намудани дониш ва маҳорати касбӣ;

2.7. Аз такмил додани таҳия ва нашри барномаҳои таълимӣ, васоити таълимию методӣ барои ординаторони клиникӣ, табиб-интернҳо ва тахассусҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ;

2.8. Аз ба роҳ мондани робитаҳои илмӣ-методӣ, таълимӣ бо дигар корхонаву муассисаҳои таълимӣ, табобатӣ ва илмию истеҳсолӣ;

2.9. Аз таҳияи пешниҳодҳо ба мақсади беҳтар сохтани фаъолияти Марказ, муайян намудани самтҳои нав оид ба тайёр кардани кадрҳо;

2.10. Аз ҳамоҳангсозии фаъолияти чузъҳои таркибии ДДТТ дар самти ординатураи клиникӣ, интернатура, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ;

2.11. Аз ташкил ва гузаронидани аттестатсияи давлатии хатми ординатураи клиникӣ ва интернатура;

2.12. Аз ташкил ва гузаронидани аттестатсияи шунавандагони сиклҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ;

2.13. Аз тайёр намудан ва додани шаҳодатномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба хатми интернатура, ординатураи клиникӣ, курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ;

2.14. Аз фаъолияти машваратӣ.

## III. Сохтор ва идораи Марказ

3.1. Сохтор ва бастҳои кории Марказ бо пешниҳоди директори он аз тарафи ректори донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

3.2. Васеъ шудани доираи фаъолияти Марказ ва тағйири сохтори он вобаста аз талабот ва имкониятҳо дар мувофиқа бо ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино сурат мегирад.

3.3. Идораи Марказ аз тарафи директор амалӣ мегардад, ки мувофиқи Оинномаи донишгоҳ ва Низомномаи мазкур фаъолият мекунад.

3.4. Директори Марказ мувофиқи тартиби муайяншуда бо фармоиши ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва ё аз вазифа озод карда мешавад.

3.5. Директор ба ҳамаи самтҳои фаъолияти Марказ ҷавобгӯ мебошад.

3.6. Ба зиммаи директор вогузор карда мешавад:

- Ташкил ва таъмини раванди таълими ординаторони клиникӣ ва табиб-интернҳо;
- Ташкили кори курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони донишгоҳ ва мутахассисон;
- Ташкили омодагӣ ва қабули барномаҳои таълимӣ, мураттаб сохтани нақшаҳои мавзӯии ташкили машғулиятҳо ва пешниҳоди онҳо ҷиҳати тасдиқ намудан ба ректори донишгоҳ;
- Назорати таъмин намудани муҳассилини баъдидипломӣ ва шунавандагони Марказ бо китобҳо, маводҳои таълимӣ, воситаҳои техникии таълим ва дигар лавозимоти зарурӣ;
- Вобаста ба имкониятхо ташвиқу тарғиб намудани шароитҳои Марказ ҷихати ҷ;алб намудан ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон, таҳсил дар интернатура ва ординатураи клиникӣ аз ихтисосҳои барои соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ зарурӣ.

3.7. Назорати бевоситаи муҳассилини баъдидипломӣ (ординаторони клиникӣ ва интернаҳо) ба зиммаи мутахассисони пешбарандаи Марказ оид ба ординатураи клиникӣ ва интернатура, шунавандагони такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ ба зиммаи мутахассиси пешбарандаи Марказ оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ гузошта мешавад.

3.8. Ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои кормандони Марказ тибқи дастурҳои вазифавӣ, ки аз ҷониби директор дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ ва раиси Иттифоқи касабаи кормандони донишгоҳ тартиб дода шудааст, муайян карда мешавад.

3.9. Кормандони Марказ ӯҳдадор ҳастанд:

- Реҷаи кории Марказро қатъиян риоя намуда, вазифаҳои ба зиммадоштаро саривақт ва бо сарбаландӣ иҷро намоянд.
- Дастуру супоришҳои раёсати донишгоҳ ва директори Марказро иҷро кунанд.

3.10. Фаъолияти кормандони Марказ дар асоси шартномаи меҳнатӣ миёни онҳо ва донишгоҳ, ки дар доираи нишондодҳои конунгузории меҳнатии Ҷумхурии Тоҷикистон амал мекунад, ба роҳ монда мешавад.

3.11. Мақоми ҳуқуқии кормандони Марказ мутобиқи конунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи ДДТТ ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқии донишгоҳ муайян карда мешавад.

## IV. Фаъолияти таълимии Марказ

4.1. Дар Маркази таҳсилоти баъдидипломии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино намудҳои зерини таҳсилоти баъдидипломӣ ва иловагии касбӣ амалӣ карда мешавад.

- таҳсили хатмкунандагони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва муассисаҳои таҳсилоти олии тиббӣ дар интернатура барои гирифтани ихтисос тибқи номгӯи ихтисосҳое, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ намудааст (мӯҳлати таҳсил 11 моҳ);
- таҳсили мутахассисон дар ординатураи клиникӣ тибқи номгӯи ихтисосҳое, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ намудааст (мӯҳлати таҳсил 2 сол);
- такмили ихтисос дар сиклҳои такмили ихтисоси мавзӯӣ, умумӣ барои мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ аз рӯи ихтисосҳо тибқи номенклатураи тасдиқшуда;
- бозомӯзии касбии (ихтисосгирӣ) мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ тибқи барномаҳои дарозмӯҳлати таҳсил (зиёда аз 500 соат);
- такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи тиббӣ;

- такмили ихтисос аз фанҳои умумигуманитарӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, риёзӣ-табиатшиносӣ, тиббӣ-биологӣ барои омӯзгорону кормандони илмии муассисаҳои таълимӣ, марказҳо, коллеҷу омӯзишгоҳҳо ва шӯъбаҳои тайёрӣ.

4.2. Давомнокии таълим дар 1 рӯз 6 соати академӣ, машғулиятҳо 45 дақиқагӣ мебошад.

4.3. Маҷмӯъсозии сиклҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии ғайр аз дар нақшаи тақвимӣ пешбинишуда ба таври ғайринақшавӣ дар асоси дархостҳои роҳбарияти ташкилоту муассисаҳои тиббӣ, инчунин Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, роҳбарияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино тибқи шартномавӣ гузаронида мешавад.

4.4. Сарбории таълимии устодони Марказ вобаста ба ихтисос ва вазифаи ишғолкардаашон дар кафедра ба сарбории таълимии ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ мувофиқ мебошад.

4.5. Давомнокии таҳсил ва шаклҳои такмили ихтисос, бозомӯзии касбӣ мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар чорчӯбаи нақша ва барномаҳои таълимии тасдиқгардида муайян карда мешаванд.

## V. Ҳуқуқҳои Марказ

Марказ дорои чунин ҳуқуқҳо мебошад:

5.1. Дар доираи қонунҳои амалкунанда мувофиқи вазифа ва ӯҳдадориҳои дар Низомномаи зикршуда нақшаи фаъолияти худро тартиб дода, онро дар амал татбиқ намояд.

5.2. Ба раёсати донишгоҳ нисбати баланд бардоштани дараҷанокии кормандони донишгоҳ дархосту пешниҳодоти худро ирсол намояд.

5.3. Дар асоси Низомномаи мазкур речаи корӣ ва вазифаю ӯҳдадориҳои кормандонро муайян намояд.

5.4. Баҳри таъмини мукаммали раванди таълим дар ординатураи клиникӣ, интернатура, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии шунавандагон аз дастовардҳои муосиру пешрафтаи илми тиб истифода барад.

## VI. Бақайдгирӣ, ҳисобот ва тафтиши фаъолияти Марказ

6.1. Марказ тибқи тартиби муайяншуда натиҷаҳои фаъолияти худро ба қайд гирифта, ба раёсати донишгоҳ дар доираи шакл ва мӯҳлати муайнгардида ҳисоботи муфассал пешниҳод менамояд.

6.2. Директори Марказ соле 1 маротиба оид ба фаъолияти худ дар ҷаласаи раёсат ва Шӯрои олимони донишгоҳ ҳисобот медиҳад.

6.3. Таҳлил ва тафтиши фаъолияти Марказ аз тарафи раёсати донишгоҳ аз рӯи нақша соле 1 маротиба амалӣ мегардад. Дар сурати зарурияти истеҳсолӣ тафтиши ғайринавбатии фаъолияти Марказ бо фармони ректори донишгоҳ гузаронида мешавад.

## VII. Фаъолияти хоҷагидории Марказ

7.1. Марказ дорои ҳуҷраҳои алоҳида мебошад. Марказ метавонад дорои ҳуҷраҳои корӣ, кафедра ва курсҳои алоҳидаи мансуб ба фаъолияташ бошад.

7.2. Маъмурияти Марказ ба таври мунтазам назорати таъмири таҷҳизот, ҳуҷраҳои мансуб ба Марказро ва иҷроиши қоидаҳои бехатарии техникӣ ва бехатарии зиддисӯхториро таъмин менамояд.

7.3. Таъминоти молиявии Марказ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбинишаванда ва аз фаъолияти таълимии музднoки Марказ ба хазинаи донишгоҳ воридшаванда, маблағҳои хусусӣ ва сарпарастӣ, инчунин аз ҳамаи манбаҳои дар доираи қонунҳои ҷумҳурӣ амалкунанда амалӣ мегардад.

7.4. Бе мувофиқа бо ректор ва Шӯрои олимони донишгоҳ иваз намудани сохтор ва шакли фаъолияти Марказ, дигар кардани Низомномаи мазкур, фурӯхтан, иваз ё ба иҷора додани таҷҳизоти тиббӣ ва иншоот қатъиян манъ аст.

**Варақаи розигӣ**

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи розигӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба таълим | Ибодов С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Юсуфӣ С.Ҷ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои муоличавӣ | Қобилов Қ.К. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба корҳои хоҷагидорӣ ва маъмурӣ | Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Директори Маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудов Х.Р. | | |
| 7. | Сардори бахши таъминоти ҳуқуқӣ | Саидов Ҷ.З. | | |